**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи "Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**

Дар муҳити муосири рушди низоми молиявӣ ва бонкӣ, ки бо афзоиши пайвастагиҳои макроиқтисодӣ, такроршавии бухронҳои молиявӣ ва таъсири фишорҳои таҳримҳои байналмилалӣ тавсиф мешавад, танзими макропруденсиалӣ ҳамчун маҷмуи воситаҳо ва расмиёти коҳишдиҳандаи хавфҳои низомманд аҳаммияти стратегӣ пайдо мекунад. Он барои муайянсозӣ ва идоракунии хавфҳои низомманд дар марҳилаҳои барвақтӣ замина фароҳам оварда, пешгирии табдилёбии номутаносибиҳои молиявиро ба бухрони фарогир таъмин менамояд. Дар ин замина автореферати диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи "Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, масъалаи такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври муназзам баррасӣ менамояд.

Бартарии муҳимми автореферати диссертатсия дар он ифода меёбад, ки мубрамият бо истинод ба тағйироти муҳити макроиқтисодӣ, паёмадҳои бухронҳои молиявӣ ва таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ асоснок гардида, зарурати такмил додани механизмҳои танзими макропруденсиалӣ ҳамчун ҷавоби сиёсати молиявӣ ба хавфҳои низомманд нишон дода мешавад. Ҳамзамон робитаи таҳқиқот бо самтҳои санадҳои стратегӣ, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ҳамчун заминаи институтсионалӣ ва афзалиятҳои сиёсати давлатӣ инъикос ёфта, ба кор хусусияти татбиқшавандагӣ мебахшад.

Дар ҷодаи мазмун ва мантиқ, автореферати диссертатсия механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявиро ҳамчун занҷираи муайянсозӣ, арзёбӣ ва интихоби воситаҳои камсозии таъсири хавфҳо муаррифӣ намуда, баъдан ин чорчӯбаро ба шароити низоми бонкии Тоҷикистон интиқол

медиҳад. Дар ин чорчӯба мақсадҳо ба ду гурӯҳ – асосӣ ва фосилавӣ ҷудо карда шуда, робитаи онҳо бо коҳиш додани хавфҳои низомманд ва таъмин намудани шаффофият таъкид мегардад. Ҷиҳати мусбати дигар он аст, ки дар қисмати назариявӣ ақидаҳои олимони тоҷик ва хориҷӣ ҷамъбаст шуда, гуногунрангии ақидаҳо оид ба моҳияти танзими макропруденсиалӣ нишон дода мешавад, ки барои мустаҳкам кардани заминаи консептуалӣ ва ҷойгиркунии таҳқиқот дар фазои илмӣ нақши мусоид дорад.

Аз нуктаи назари навоварӣ ва аҳаммияти амалӣ, дар автореферати диссертатсияи Икромӣ Ф. Н. талоши сохтани тасвири низомманди механизми танзим, ҷойгиркунии фишангҳои сиёсати макропруденсиалӣ ва пайваст кардани онҳо бо марҳилаҳои омӯзиш ва қабули қарор мушоҳида мешавад, ки ин равиш имкон медиҳад сиёсати макропруденсиалӣ на ҳамчун маҷмуи тадбирҳои ҷудогона, балки ҳамчун низоми идоракунии хавфҳо дар сатҳи бахш баррасӣ гардад. Илова бар ин, дар кор масъалаи истифодаи механизмҳои муосир, аз ҷумла стресс-тесткунӣ, ҳамчун унсури калидии такмили танзим ба миён гузошта шудааст, ки дар мантиқи сиёсати суботи молиявӣ равиши мувофиқ ба таҷрибаи байналмилалӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамзамон, барои баланд бардоштани дақиқияти илмӣ ва қобилияти санҷишпазирии натиҷаҳо, беҳтар мешуд, ки аз ҷониби довталаб якчанд нуктаҳо ба инобат гирифта мешуданд:

- дар истифодаи мафҳумҳои ҳадафӣ ҳамзамон корбурди истилоҳҳои “суботи молиявӣ” ва “устувории молиявӣ” мушоҳида мегардад, ки аз ҷиҳати методологӣ на ҳамеша ҳаммаъно буда, барои пешгирӣ аз омехтагии категориявӣ зарурати демаркатсияи возеҳтарро ба миён меорад;

- дар ҳоле ки стресс-тесткунӣ ҳамчун унсури марказии такмил пешниҳод мегардад, дар матни автореферати диссертатсия ҷузъиёти бозтавлидшавандаи тартиб – аз ҷумла мантиқи интихоби сенарияҳо, нишондиҳандаҳои ҳассосият ва меъёрҳои тафсири натиҷаҳо ба дараҷаи кофӣ равшан инъикос нашудааст, ки ин метавонад қобилияти муқоисавӣ ва санҷиши берунаи пешниҳодҳоро маҳдуд намояд;

- қисмати институтсионалӣ бо таъкиди зарурати такмил ва ҳамоҳангсозии механизмҳои танзим пешниҳод мегардад, аммо робитаи қатъӣ миёни осебпазириҳои ташхисшудаи низоми бонкӣ ва самаранокии интизоршавандаи тағйироти ташкилӣ дар матни автореферати диссертатсия бештар дар сатҳи тавсиф боқӣ мемонад.

Бо вуҷуди ин, зикри мулоҳизаҳои мазкур арзиши илмӣ ва аҳаммияти амалии автореферати диссертатсияро коҳиш намедиҳад, зеро онҳо бештар хусусияти дақиқсозӣ ва такмили методологӣ дошта, ба мантиқи умумии таҳқиқот ва самти асосии натиҷаҳои пешниҳодшуда халал намерасонанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Икромӣ Ф. Н. мавзуи мубрам ва аз лиҳози сиёсати иқтисодӣ аҳаммиятнокро баррасӣ намуда, кӯшиши пайваст кардани таҳлили назариявӣ бо тавсияҳои амалӣ ва заминаи институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон медиҳад. Аз ин рӯ, довталаб сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарриз:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори**
**кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ,**
**таҳлил ва аудит дар комплекси агросаноатии**
**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи**
**Шириншоҳ Шоҳтемур** **Шарифов З.Р.**

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар комплекси агросаноатӣ Шарифов З.Р.[1] – ро тасдиқ мекунам:

**Сардори шуъбаи ҳуқуқӣ ва**
**корҳои ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур** **Қурбонзода А.Х.**

2-юми феврали 2026 сол

[1]Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширинщоҳ Шоҳтемур
**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146
**Тел.:** (992-372) 24 72-07
**E-mail:** rectortau31@mail.ru